**ШАРТНОМАИ № ________________________**
**ДАР БОРАИ ХИЗМАТРАСОНИИ ТАЪЛИМӢ АЗ РӮИ БАРНОМАИ ТАҲСИЛОТИ ОЛИИ КАСБӢ – БАКАЛАВР ДАР ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН (ИДОМАИ ТАҲСИЛОТ) ШАКЛИ ТАҲСИЛ: РӮЗОНА**

**«_____» _____________ с.2020** **ш. Душанбе**

Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, ки тибқи Иҷозатномаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, таҳти ***АУ № 0002291 (муҳлати амал аз 06.06.2017с. то 06.06.2022с.)*** оид ба пешбурди фаъолияти таълимӣ амал мекунад, дар шахси ректор Фаҷеров Ҳ.Н. минбаъд **Иҷрокунанда**, аз як тараф ва ______________________________________________________________________

(*Номи ташкилот, муассиса ё ном, насаб ва номи падари шахси воқеӣ*)

минбаъд “**Фармоишгар”**, аз тарафи дигар шартномаи мазкурро ба имзо мерасонанд.

## 1. МАЗМУНИ ШАРТНОМА

1.1. **Фармоишгар** баъди бомуваффақият супоридани имтиҳони қабул (пас аз натиҷаи сӯҳбат), маблағи таҳсили шаҳрванд ______________________________________________________________

(*Ном, насаб ва номи падар*)

минбаъд “**Донишҷӯ”-ро**, соли таваллуд ______________________________, шиносномаи________

№ _________________, ки аз ҷониби ______________________________________________________

санаи ______________________ дода шудааст, пардохт менамояд ва **Иҷрокунанда** таълими **Донишҷӯро** дар донишгоҳ аз рӯи ихтисоси ______________________________________________________

______________________________________________________________ ***таҳсилоти рӯзона*** ба уҳда мегирад.

1.2. Муҳлати муқарраршудаи таҳсил аз рӯи барномаи таълими идомаи таҳсил баъд аз хатми муассисаҳои таҳсилоти миёнаи касбии зинаи бакалавриат тибқи Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон **3 солро** ташкил медиҳад.

1.3. Ќабул ба сафи донишљўён дар асоси суњбат бо назардошти аз љониби **Фармоишгар** пардохт намудани маблаѓи тањсил дар муњлати дар банди 6.2 шартнома зикрёфта дар асоси фармоиши ректори донишгоњ амалї мегардад.

1.4. Ба **Донишҷӯ** дар ҳолати пурра аз худ намудани барномаи таълимӣ ва гузаштан аз аттестатсияи хатм аз ҷониби **Иҷрокунанда** дипломи намунаи давлатӣ аз рӯи тахассус дода мешавад.

## 2. ҲУҚУҚҲОИ ИҶРОКУНАНДА, ФАРМОИШГАР (КОРДИҲАНДА, ВОЛИДАЙН) ВА ДОНИШҶӮ

2.1. **Иҷрокунанда** ҳуқуқ дорад:

- раванди таълимро дар доираи Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ намояд, низоми баҳогузорӣ, шакл, тартиб ва усули қабули имтиҳонҳоро интихоб кунад, **Донишҷӯро** дар асоси талаботи санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва Оинномаи донишгоҳ ҳавасманд гардонад ва ё нисбати ӯ ҷазои интизомиро татбиқ намояд;
- аз **Донишҷӯ** иҷрои саривақтӣ ва пурраи ҳамаи намуди супоришҳоро дар асоси нақшаи таълимии ихтисоси интихобшуда, талаб намояд;
- дар ҳолати аз ҷониби **Фармоишгар** ё **Донишҷӯ** иҷро нагардидани уҳдадориҳои дар шартномаи мазкур дарҷёфта, мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва талаботҳои шартномаи мазкур **Донишҷӯро** аз донишгоҳ хориҷ намояд.

2.2. **Фармоишгар (кордиҳанда, волидайн)** ҳуқуқ дорад:

- аз **Иҷрокунанда** ташкил ва таъмини иҷрои босифати хизматрасонии таҳсилотӣ, инчунин маълумот оид ба дараҷаи азхудкунии донишҷӯро талаб намояд;
- ба кормандони масъули **Иҷрокунанда** оид ба масъалаҳои раванди таълим дар муассисаи таълимӣ муроҷиат намояд.

2.3. **Донишҷӯ** ҳуқуқ дорад:

- молу мулки **Иҷрокунандаро** мувофиқи тартиби муайяншуда истифода намояд;
- дар асоси шартномаи алоҳида аз хизматрасонии иловагии **Иҷрокунанда,** ки ба барномаи таълимӣ ворид нашудааст, истифода намояд;
- дар чорабиниҳои тарбиявӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ғайра, ки аз ҷониби **Иҷрокунанда** ташкил карда мешавад, иштирок намояд;
- дар пешниҳоди фанҳо барои ворид намудан ба рӯйхати фанҳои интихобӣ иштирок намояд.

## 3. УҲДАДОРИҲОИ ИҶРОКУНАНДА

3.1. Сифати баланди иҷрои хизматрасонии таълимиро тибқи Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, нақша ва барномаи таълим ташкил ва таъмин намояд.

3.2. Барои **Донишҷӯ** шароити мусоидро ҷиҳати азхудкунии барномаи таълимии интихобшуда фароҳам оварад.
3.3. Таҷрибаомӯзии таълимӣ ва истеҳсолӣ (пешаздипломи)-ро тибқи стандартҳо ва нақшаи таълимии ихтисос ташкил намояд.
3.4. Шахсияти **Донишҷӯро** эҳтиром намояд, ба хушунати ҷисмонӣ ва рӯҳӣ роҳ надиҳад, муҳити солими равонӣ ва ҷисмониро дар донишгоҳ таъмин намояд.
3.5. Донишҷӯёни ниёзмандро вобаста ба имконият дар асоси шартномаи алоҳида бо хобгоҳ таъмин намояд.

## 4. УҲДАДОРИҲОИ ФАРМОИШГАР (КОРДИҲАНДА, ВОЛИДАЙН)

4.1. **Фармоишгар** уҳдадор аст, ки маблағи таҳсилро саривақт ба суратҳисоби **Иҷрокунанда** пардохт намояд.Дар ҳолати сари вақт напардохтани маблағи таҳсил барои ҳар як рӯзи ба таъхиргузорӣ ба андозаи 0,02% аз маблағи умумии шартнома ҷарима месупорад.
4.2. Хароҷоти **Иҷрокунандаро** барои қабули ҳуҷҷатҳо, коргузорӣ ва ворид намудан ба барномаи автоматикунонии раванди таълим ба тариқи пешпардохт дар ҳаҷми **35 сомонӣ** ба хазинаи донишгоҳ ба таври нақдӣ супорад ва расид (квитансия)-ро ба намояндаи **Иҷрокунанда** пешниҳод намояд.

## 5. УҲДАДОРИҲОИ ДОНИШҶӮ

5.1. Тибқи ҷадвали дарсӣ дар тамоми намуди дарсҳо иштирок намуда, корҳои мустақилона, имтиҳонҳои фосилавӣ ва ҷамъбастиро саривақт супорад.
5.2. Дар ҳолати роҳ додан ба дарсшиканӣ бо сабабҳои узрнок ба **Иҷрокунанда** ҳуҷҷати тасдиққунанда пешниҳод намояд.
5.3. Дар сурати аз фанҳои алоҳида баҳои ғайриқаноатбахш гирифтан ва аз меъёр кам будани холи миёнаи бадастоварда (GPA) хароҷотро мувофиқи маблағи кредитҳои барои ин фан муқарраршуда пардохт намояд ва ин фанро такроран омӯзад.
5.4. Дар корҳои ҷамъиятии донишгоҳ ва чорабиниҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок намояд.
5.5. Талаботи Оинномаи донишгоҳ, қоидаҳои тартиботи дохилии донишгоҳ, ба монанди ҳурмату эҳтиром нисбати кормандони илмӣ-омӯзгорӣ, маъмурӣ-хоҷагӣ, ёрирасону техникии **Иҷрокунанда,** ҳамчунин муносибат бо ҳамсабақон ва дигар донишҷӯёнро риоя намояд, шарафу эътибори онҳоро паст назанад.
5.6. Ба донишгоҳ бо либосҳои тавсиявии Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳозир шавад, дар саҳни донишгоҳ ва дохили биноҳои таълимӣ телефони мобилиро истифода набарад.
5.7. Ба донишгоҳ бо мошини шахсӣ ҳозир нашавад, маводи тамоку ва нӯшокиҳои спиртиро истифода набарад.
5.8. Ба молу мулки **Иҷрокунанда** эҳтиёткорона муносибат кунад. Дар ҳолати ба молу мулки **Иҷрокунанда** хисорот расонидан, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон онро барқарор ё маблағи онро ҷуброн намояд.

## 6. ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ ТАҲСИЛ

6.1. Маблағи солонаи таҳсил дар донишгоҳ мувофиқи харҷнома бо назардошти андоз аз арзиши иловашуда **5750 *(Панҷ ҳазору ҳафтсаду панҷоҳ)*** сомониро ташкил медиҳад, ба истинои маблағ барои диплом (корешок) ва нишони донишгоҳ.
6.2. **Фармоишгар** 40% - и маблағи солонаи таҳсилро (барои нимсолаи аввал) пас аз натиҷаи сӯҳбат, то 31.08.2020 ва 60% - и маблағи боқимондаи таҳсилро (барои нимсолаи дуюм) то оғози дарсҳои нимсолаи дуюм ба таври ғайринақдӣ ба суратҳисоби донишгоҳ, ё ба таври нақдӣ ба хазинаи донишгоҳ бояд пардохт намояд. Чунин таносуб барои солҳои минбаъдаи таҳсили донишҷӯ нигоҳ дошта шуда, мувофиқан бояд то 20 – уми сентябр ва то 1 – уми феврали ҳар соли таҳсил пардохта шавад.
6.3. Маблағи солонаи таҳсил бо назардошти тағйирот дар қонунгузории андоз, нарху тарифҳо ва инчунин амалӣ гардонидани чорабиниҳое, ки ба болоравии сифати таълим равона шудаанд, метавонад тағйир ёбад. Дар ин сурат **Иҷрокунанда** то оғози соли таҳсил **Фармоишгарро** огоҳ менамояд.
6.4. Ҳангоми интиқол ба дигар муассисаи таълимӣ (то рӯзи ба имзо расидани фармоиш оид ба интиқол), хориҷ шудани донишҷӯ ё даст кашидан аз хизматрасонии **Иҷрокунанда,** маблағи боқимондаи таҳсил бидуни хароҷоте, ки барои ташкил ва гузаронидани раванди таълим дар ҳамин давра сарф шудааст, бо назардошти ҳамаи андозҳои пардохткардашуда, аз тарафи **Иҷрокунанда** ба **Фармоишгар** баргардонида мешавад.
6.5. Дар сурати барқарор гардидани донишҷӯ ба курси мувофиқ ва супоридани аттестатсияи хатм (бесабаб ба дарсҳо иштирок накардан ва ё аз аттестатсияи хатм нагузаштан) хароҷотҳо вобаста ба ҳолати воқеӣ муайян карда мешавад. Дар ин ҳолат шартнома, аз сари нав ба имзо расонида мешавад.
6.6. Дар ҳолати аз ҷониби **Фармоишгар** дар муҳлати муайяншуда пардохт нагардидани маблағи таҳсил **Иҷрокунанда Фармоишгарро** оид ба бекор кардани шартнома мутобиқи тартиботи муқарраршудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон огоҳ намуда, **Донишҷӯро** пас аз як моҳи огоҳӣ аз сафи донишҷӯён хориҷ менамояд.
6.7. Андозаи маблағи таҳсил ҳамасола бо Хадамоти зиддииншисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мувофиқа карда мешавад.
6.8. Дар ҳолати пешпардохти маблағи таҳсил барои тамоми давраи таҳсил аз ҷониби **Фармоишгар** банди 6.3.-и шартнома амалӣ намешавад.

## 7. АСОСҲО БАРОИ ТАҒЙИР ВА ҚАТЪИ ШАРТНОМА

7.1. Аз ҷониби **Фармоишгар** риоя нашудани шартҳои шартнома ба **Иҷрокунанда** барои қатъи шартнома тибқи тартиботи муқарраршудаи қонунгузориии Ҷумҳурии Тоҷикистон асос мебошад.

7.2. Тағйиру иловаҳо ба шартнома ё бекор донистани он бо розигии тарафҳо дар шакли хаттӣ амалӣ мегардад.

**8. МАСЪУЛИЯТИ ТАРАФҲО**

8.1. Дар ҳолати иҷро накардан ва ё ғайриқаноатбахш иҷро кардани бандҳои шартнома тарафҳо тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон масъулият доранд.

8.2. Баҳсҳо ва нофаҳмиҳо дар байни тарафҳо бо роҳи гуфтушунид ҳал мешаванд. Дар ҳолати бо роҳи гуфтушунид ҳал нашудани баҳсҳо, тарафҳо ҳуқуқ доранд барои ҳифзи манфиатҳои худ ба суд муроҷиат кунанд.

8.3. Ҳамкории тарафҳо, ки дар ин шартнома ба назар гирифта нашудаанд, тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ба танзим дароварда мешавад.

**9. ШАРТҲОИ МАХСУС**

9.1. Падару модари **Донишҷӯ** уҳдадоранд, ки риояи талаботҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро таъмин намоянд.

9.2. **Донишҷӯ** вазифадор аст, ки робитаи тарафайни донишгоҳро бо падару модари худ таъмин намояд.

9.3. Дар ҳолати барқарор шудани **Донишҷӯ,** баъд аз хориҷшавӣ, идомаи таҳсили ӯ тибқи шартномаи алоҳида ба расмият дароварда мешавад.

**10. ҲОЛАТҲОИ ИСТИСНОӢ (ФОРС-МАЖОР)**

Тарафҳо дар ҳолати қисман ва ё пурра иҷро накардани уҳдадориҳои худ дар доираи шартнома, агар он дар натиҷаи таъсири ҳолатҳои пешбининашуда, яъне сӯхтор, офатҳои табиӣ, ҷанг, тағйирёбии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ҳолатҳои имконпазири фавқулодда бошад, аз масъулият озод мешаванд.

**11. МУҲЛАТИ АМАЛИ ШАРТНОМА**

11.1. Шартнома баъди аз ҷониби тарафҳо имзо намудан қувваи ҳуқуқӣ пайдо мекунад ва то иҷрои пурраи уҳдадории тарафҳо амал менамояд.

11.2. Шартнома бо забони давлатӣ дар ду нусха тартиб дода шуда, ҳар ду нусха қувваи ҳуқуқӣ дорад ва як нусхагӣ дар дасти тарафҳо нигоҳ дошта мешавад

**12. НИШОНИИ ТАРАФҲО**

**ИҶРОКУНАНДА**

**Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон**

734055, шаҳри Душанбе, кӯчаи Деҳотӣ, ½.

Тел: (+992372) 34-83-46, 34-85-46.

**Маълумоти бонкӣ:**

СҲ 20202972461008102000

С/М 20402972316264

РМБ 350101626

РМА 030003194

УП № 2, Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк»

дар шаҳри Душанбе

**Ректор ________________ Фақеров Ҳ.Н.**

**ФАРМОИШГАР (КОРДИҲАНДА, ВОЛИДАЙН)**

___________________________

*(Номи ташкилот / Ном, насаб ва номи падар насаби шахси воқеӣ)*

___________________________

___________________________

*(Суроғаи ҷои истиқомат / Суроғаи ҳуқуқӣ)*

___________________________

*(Имзо)*

**ДОНИШҶӮ**

___________________________

*(Ном, насаб ва номи падар)*

___________________________

___________________________

*(Суроға, телефон)*

___________________________

___________________________

*(Маълумоти шиноснома)*

___________________________

*(Имзо)*

***Замимаи 1***

Ба шартномаи №______________________ оид ба тайёр намудани тайёр намудани бакалаври дорои таҳсилотии олии касбӣ дар Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.

Мутобиқи бандҳои 6.3 ва 6.7-и шартнома ҳамасола баъди мувофиқа бо Хадамоти зиддиинҳисории назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии

Тоҷикистон барои амалӣ гардонидани чорабиниҳое, ки ба болоравии сифати таълим равона шудаанд, **Иҷрокунанда** маблағи таҳсилро муайян мекунад.

| Солҳои таҳсил | Маблағи таҳсил | Фармоишгар (имзо) | Иҷрокунанда (имзо) | Эзоҳ |
|---|---|---|---|---|
| **Соли таҳсили 2020-2021** | | | | |
| **Соли таҳсили 2021-2022** | | | | |
| **Соли таҳсили 2022-2023** | | | | |